# ЛОИҚ ВА ХАЙЁМ

**Абдулқодир Наҷмиддин**, устоди
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДОТП

Лоиқ аз серхондатарин шоири муосири тоҷик аст  ва дар бораи рӯзгору осори ӯ зиёд гуфтаанду навиштаанд, ки мақолаву ёдномаҳои бешуморе дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои ватаниву хориҷӣ ва китобу рисолаҳои алоҳидаи  адибону олимон далели ин гуфтаҳост. Агар корҳои курсиву рисолаҳои хатми донишҷӯёни макотиби олии кишварро ба онҳо зам кунем, боз бештар мешаванд миқдори навиштаҳо оид ба шахсияту осори ҳунарии ин ҳунарманди нодирагуфтор . Лек хидмати Лоиқ барои забону адабиёту фарҳангу бедорию худшиносии миллат нақди бештару беҳтареро интизор аст. Ба андешаи профессор Абдунабӣ Сатторзода : “Лоиқ дар адабиёт ва  фарҳанги муосири тоҷикӣ кореро анҷом дод, ки онро метавон танҳо  бо заҳматҳое, ки устод Садриддин Айнӣ дар ривоҷи адабиёт  ва илму фарҳанги кунунии  мо, хоса насри он ва аллома Бобоҷон Ғаффуров дар зинда гардонидани таърихи пурифтихори тоҷикон кашидаанд, баробар кард. Аз ин рӯ, мо бояд ӯро мисли устод Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғаффуров азиз бидорем ва қадршиносӣ бикунем. Шинохти ҳаматарафаи ин се шахсияти  бузурги даврони  мо воҷибаи  миллии ҳар яке аз мост. Мо ҳар қадар бештар ва беҳтар шахсият ва осори онҳоро бишносем, ҳамон қадар ба худамон,  ба миллатамон, ба Ватанамон, зудтар хоҳем расид”[2, 15.].

Вақте ки куллиёти Лоиқро варақ мезанем ва аввалин шеъри онро, ки “Ном”унвон дораду соли 1959  эҷод шудааст, мехонем, мақсади шоирро ба хубӣ пай мебарем:

Гар ту хоҳӣ зинда бошӣ солҳои бешумор ,
Умр бинӣ ҷовидонӣ то ҷаҳон дорад бақо .
Аз таҳи дил  хидмати халқу диёри хеш кун ,
Сабт кун номат ба қалби мардумони бовафо!

Ва Лоиқ “аз таҳи дил хидмати халқу диёри хеш “  кард ва дар “қалби мардум “нишаст.

Лоиқ буду Мирзои Турсунзода гуфта буд , ки “Назми классикӣ хор нашуд “.

Лоиқ буду Боқӣ Раҳимзода аввалин шеъри ӯ “Ном”-ро хонда гуфта буд , ки : ”Шоири таппа –тайёр-ку !”

Лоиқ буду истеъдоди баланди ӯ, ки устод Турсунзода гуфта буд: ”Ман  Лоиқро эҳтиёт мекунам.”

Лоиқ буд , ки бо як шеъри ноби хеш “Ба модарам” узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон шуд.

Лоиқ  буд, ки бо “Ҷоми Хайём “-аш рубоисароиро эҳё карду бо “Резаборон “-аш дубайтигӯиро ва бо “Машқи ғазал”- ғазалнависиро .

Ба қавли адабиётшиноси шинохта Гулпарӣ Шарифова: “ Лоиқ мегӯяд:

Парвози баланд болу пар мехохад,
Урдугаҳи шоирӣ ҳунар мехоҳад.
Олиҳаи шеъри хуб на лофу газоф,
Маҷнунсифативу шӯру шар мехоҳад.

Ва таъкид мекунад, ки шеърнависиву шоирӣ бе ишқу сару савдо, марди майдони ҳунари шеър будан ба даст намеояд. Ӯ ҷои дигар қайд мекунад, ки барои шеъри нобу сара

сурудан, офарандаи шеър худро бояд сӯзад ва шеъре, ки холӣ аз сӯзиши қалб аст, мисли тифли мурдатавлидшуда аст:

Боғе, ки нахӯрда об, монад бебар,
Чӯбе, ки насӯхт, худ нагардад ахгар .
Шеъре, ки зи сӯзу шарари дил холист,
Тифлест, ки мурда зода бошад модар [ 3, ].

Лоиқро дар байни мардум «Хайёми асри 20» ва баъзан «Хайёми сонӣ» мегӯянд, ки ин худ унвону шуҳрату маҳбубияти Лоиқу «Ҷоми Хайём»- и ӯст.

Умари Хайём дар олами адаби форсӣ бо рубоиёти шӯрангезу ҳикматомезаш шуҳрат ёфта, чун бузургтарин рубоисаро эътироф шудааст. Рубоиёти Хайёмро ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума кардаву интишор додаанд ва ӯ яке аз серхонандатарин шоири дунё шинохта шудааст. Мегӯянд, ки яке аз кайҳоннавардони амрикоӣ ҳамроҳи хеш китоби рубоиёти Хайёмро ба болои Моҳ баровард ва аз ҳуҷраи капитани киштии ғарқшудаи "Титаник"-и Фаронса китоби Хайёмро дарёб кардаанд ва дар айни замон ӯ шоири дӯстдоштаи яке аз бузургтарин сиёсатмадорони дунё Владамир Путин аст. Яъне Хайём ҳам ба рӯи Моҳ баромадаву ҳам ба қаъри об фаромада ва ҳам дар рӯи Замин ҷовидонӣ монда. Ва месазад, ки ин абармарди олами илму адабро ситоиш кард ва аз осори безаволи ӯ баҳра бардошт. Ва ин корро Лоиқ карда...

Устод Лоиқ на танҳо номи силсилаи рубоиёташро "Ҷоми Хайём" номидааст, балки шаҳомату бузургии Умари Хайёмро дар чанд рубоие бозгӯ намудааст:

Хайём, дилат аз дили мо огоҳ аст,
Ҳар як суханат суруди дарду оҳ аст.
Байти ту дарест боз бар қаъбаи дил,
Шеъри ту чу умри одамӣ кӯтоҳ аст [1, 442.].

Ё ки :

Хайём, суханҳои ту нотакрор аст,
Ҷоми хиради ту ҷовидон саршор аст.
Ҳар кас ки нахӯрд ҷоми ту, мастӣ кард,
Ҳар кас ки бихӯрд оқилу хушёр аст. [1,442.].

Рубоиёти Лоиқ рубоиёти Рӯдакиву Хайёмро ёд меорад, ки дар сабки саҳли мумтанеъ эҷод шуда ва содаву фаҳмост ва ҳоҷат ба шарҳ надорад ва мебоист хонду аз бар намуд. Лекин қайд кардан бамаврид аст, ки ба умқи маънои фалсафии он на ҳар хонандаи одӣ мерасад:

Бар Хайраи Хайём гузар кардам боз,
Бар чеҳраи айём назар кардам боз .
Дидам, ки ҷаҳон шикастатар аз дӯш аст,
Сад тавба шикаста, бода сар кардам боз [1, 455.].

Ё ин ки:

Бартар бувад аз ҷаҳон ҷаҳони Хайём,
Мофавқи замон бувад замони Хайём.
Ин хайманишинони ҷаҳони хокӣ,
Як хайма надӯзанд ба сони Хайём [1, 454.].

Лоиқ хешро вор  иси сазовори Хайём медонад ва ба қудрати суханофариннияш такя мезанад ва қаҳрамони лирикии ӯ чун инсони худогоҳу худшинос ба ҷилва меояд ва аз мондагор будани шеъраш дар адабиёти порсӣ дам мезанад:

Мо ҳалқаи байни аввалу анҷомем,
Парвардаи асру бисту шири хомем.
Хайём, ки гуфт, буда безурёте,
Модом ки мо шоҳписари Хайёмем?! [1, 442.].

Дар рубоии дигар шоир ба хонандаи ҳамзамонаш мурочиат намуда ҳушдор медиҳад, ки танҳо ба тафаххур аз номи ниёгони бузургамон зистан хатост, бояд аз онҳо ибрат гирифт ва илму дониш андӯхт ва офариду обод кард ва худро шинохту инсон шуд, ки одам будан ҳанӯз инсон шудан нест:

То чанд ту бо гузаштагон менозӣ,
Бо Рӯдакию ба Ҳофизи Шерозӣ?
Вақте аст, сари минбари озоди сухан,
Хайёми дигар, Ҳофизи дигар созӣ ! [1, 443].

Бо корбасти санъати талмеҳ устод Лоиқ азми хешро ва қудрати суханофарияшрову ҳадафи худро аз шоирӣ зебо ва хотирмон бозгӯ мекунад:

Анбоне зи Рӯдакӣ ба дӯшам дорам,
Таҳҷуръаи Хайём ба сар бардорам.
Чун пайраҳаи камбари зодгоҳам
Сар бурда ба пои шоҳраҳ бигзорам [1, 440.].

Шоир аз осори нотакрору ҷовидонаи Хайём баҳра бардоштанро талқин мекунад ва мефармояд:

Аз гардиши айём ба каф ҷом бимир,
Ором намир, бо дилором бимир.
Хоҳӣ, ки ба гӯри ту нишинад хуршед,
Дар партави офтоби Хайём бимир. [1, 454.].

Лоиқ Хайёмро ҳамчун нобиғаи нотакрор медонад ва “Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас ”-Абулмаъониро бо тамоми ҳастияш дарк мекунад ва аз замину осмону ҳар ду саро овоз мебарорад:

Аз хоки Нишопур садо ояд боз,
Фарёди дил аз ҳар ду саро ояд боз;
Эй хаймаи осмон дусадпора шавӣ!
Хайём ба хаймааш куҷо ояд боз? [1, 454.].

Хулоса, Хайём бо рубоиёти нотакрораш ҷаҳон гирифту Лоиқ бо омӯзишу баҳрабардорӣ аз ӯ шуҳратёр шуд. Офаринашон. Ва ба касе пӯшида нест, ки ҳар ду дар натиҷаи омӯхтан ба дараҷаҳои баланд расидаанд. Пас месазад, ки мо ҳам биомӯзем ва агар Хайёму Лоиқ нашавем ҳам, ворисони сазовори онҳо бошем ва боз андешаи моро Лоиқ тамомӣ мебахшад:

Якчанд дар ин ҷаҳон зи худ пайдо шав,
Бар ҳусну ҷамоли зиндагӣ шайдо шав.
Сино нашавӣ ҳиммати синоӣ кун,
Маҷнун нашавӣ, дилшудаи Лайло шав [1, 449.].

**Пайнавишт:**

1. Лоиқ Шералӣ. Куллиёт Ҷ.1. Ашъор. Душанбе, 2008. 560 саҳ .
2. Абдунабӣ Сатторзода. Кӯҳна ва нав. Душанбе, 2004. 256 саҳ.
3. Гулпарӣ Шарифова. Шукуфаҳои андеша. Иршод. 2001, 134 саҳ.
4.Гулназар Келдӣ. Лоиқе чун Лоиқе. Душанбе, 2000. 80 саҳ .
5.Ориёнфар. Шаранги андӯҳ. Душанбе. 2001. 191 саҳ.

SAMARQAND DAVLAT CHET TILLAR INSTITUTI * SAMARKAND STATE INSTITUTE OF FOREIGN LANGUAGES * IFL 1994